Эй фарзанди одам! Ҳаргоҳ манро мехонию ба ман умед дорӣ, туро бар он чи ки буд (ба хотири амалҳоят) меомурзам ва аз ту парвое надорам

Аз Анас ибни Молик (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: "Аз Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) шунидам, ки мегуфт: Худованд фармудааст: "Эй фарзанди одам! Ҳаргоҳ манро мехонию ба ман умед дорӣ, туро бар он чи ки буд (ба хотири амалҳоят) меомурзам ва аз ту парвое надорам. Эй фарзанди одам! Агар гуноҳони ту ба абрҳои осмон бирасад ва онгоҳ аз ман талаби омурзиш кунӣ, туро меомурзам ва гуноҳони туро хоҳам бахшид ва парвое надорам. Эй фарзанди одам! Агар ба сӯи ман биоӣ дар ҳоле, ки ба пурии замин гуноҳ ва хато дорӣ, вале ба ман ширк наоварӣ, ман бо замини пур аз мағфират ва бахшиш ба сӯи ту меоям".
[Ҳасан] [رواه الترمذي]

Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки Аллоҳ Таъоло дар ҳадиси қудсӣ фармудааст: Эй фарзанди Одам! То вақте ки Маро дуо мекунӣ ва ба раҳмати Ман умед дорӣ ва ноумед намешавӣ, гуноҳатро мепӯшонам ва онро пок мекунам ва ба он аҳамияте намедиҳам, ҳарчанд он гуноҳ аз ҷумлаи гуноҳони кабира бошад. Эй фарзанди Одам! Агар гуноҳони ту он қадар зиёд шаванд, ки миёни осмон ва заминро пур кунанд, то он ҷо ки тамоми гӯшаҳояшро фаро гиранд, сипас аз Ман омурзиш бихоҳӣ, ҳамаи онро маҳв мекунам ва мебахшам ва ба бисёрии онҳо аҳамият намедиҳам. Эй фарзанди Одам! Агар баъд аз марг бо гуноҳону маъсиятҳое назди Ман биёӣ, ки андозаи тамоми заминро фаро гирифтаанд, вале дар ҳолате ба наздам биёӣ, ки Манро ягона дониста бошӣ ва ба Ман ҳеҷ шарик қарор надодай, тамоми гуноҳонатро бо андозаи замин мағфират мекунам. Зеро Ман соҳиби мағфирати васеъ ҳастам ва ғайр аз ширк ҳама гуноҳонро меомурзам.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/5456